# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия бо ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, аз рӯйи мавзуъ, мундариҷа ва ихтисоси илмии пешниҳодшуда бо пуррагӣ мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти мазкур масоили мубрамро вобаста ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дарбар гирифта, инчунин, фаъолияти милитсияро ҳамчун ҷузъи Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ фарогир мебошад. Предмеди омӯзиши таҳқиқотро асосан ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт ташкил дода, мазмуну моҳияти шакл ва усулҳои ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти милитсия, ҳамкории он бо дигар ниҳодҳои салоҳиятдори давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулода, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта бо мақсади татбиқи он дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилӣ ва мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва байниидоравӣ дар ин соҳа бо таври васеъ инъикос ёфтаанд.

Пайгирии чунин равиш вобаста ба масоили матраҳшуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, алоқамандии онро мустақиман ба ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ собит сохта, мутаносибан мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳои илмии таҳияшуда, пурра ба мавзуъ ва ҳадафҳои ихтисоси илмӣ мувофиқ мебошанд.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Чи хеле ки маълум мегардад таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи сиҳатии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода меъёри конститутсионӣ ба ҳисоб рафта, давлат муваззаф аст, ки бо ҳар роҳу воситаҳои самарабахш кафолати онро таъмин намояд.

Яке аз роҳҳои асосии дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудани талабот оид ба ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода истифодаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад.

Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти афзоиш ёфтани хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ вобаста ба гармшавии иқлими сайёра, эҳтимолияти ба вуқуъ пайвастани заминларзаҳои баландшиддат, селу обхезеии калонҳаҷм, садамаву ходисаҳои техногенӣ бинобар рушд ёфтани корхонаҳои калони саноатӣ ва бунёди обанборҳо, ГЭС-ҳо ва ғайра, ки муттаҳидиву муташаккилии фаъолияти мақомоти давлатиро ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои чунин ҳолатҳо тақозо менамояд, хеле мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро сафарбаркунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ҷиҳати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар муҳлати хеле кутоҳи вақт, муттаҳисозии қувва ва воситаҳои сершумори мақомоти милитсия,

инчунин, ташкили ҳамкории он бо дигар мақомоти давлатиро тақозо менамояд.

Дар алоқамандӣ ба ин, бояд зикр намуд, ки дар Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020 ва барномаҳои ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014-2020 ва 2021-2025 меъёрҳои дахлдор дар самти тақвияти ҳамкории милитсия бо ҷомеа дар муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян гардидаанд, аммо ба масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти милитсия дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеа вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти милитсия диққати зарурӣ матраҳ нагардидааст.

Ҳамчунин, аз ҷиҳати назариявӣ таълифи таърифи мафҳумҳои дахлдори мавзуи баррасишаванда ва хусусиятҳои тавсифкунандаи онҳо, таснифи омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҷалби саривақтии ҷузъу томи мақомоти милитсия ва ҳамкории он бо дигар мақомоти давлатӣ, ки коркарди нақшаҳои оперативии мукаммал, ташкил намудани ситоди оперативӣ, гурӯҳбандии функсионалии қувва ва воситаҳои сохторҳои алоҳида, сафарбаркунии саривақтии онҳо ва тайёрии касбиро дар ин самт тақозо менамояд, аз мубрамияти мавзуи мазкур шаҳодат медиҳад.

Бо дарназардошти набудани таҳқиқоти ҳамаҷониба вобаста ба масоили мубрами мавзуи таҳқиқшаванда, рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло саривақтӣ ва аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳқиқот барои пурра гардонидани холигии назариявӣ ва меъёрии мавҷуда нигаронида шуда, ба ниёзҳои кунунии рушди илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ҷавобгӯй мебошад.

**3. Дараҷаи навоварии илмии натиҷаҳои рисола ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ вобаста ба ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мебошад, ки бо

назардошти таҳдиду хатарҳои муосир дар ин самт таълиф гардидааст. Саҳми муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқот аҳаммияти илмии мавзуи таҳқиқшаванда бо дарназардошти мушкилоти мавҷуда дар соҳаи батанзимдароии ҳуқуқӣ, асосҳои ташкилии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти милитсия, ҳамкории он бо дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ва дурнамои татбиқи таҷрибаи соҳавии мақомоти дахлдори давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар фаъолияти милитсияи тоҷик, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф натиҷаҳои нави илмии дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ ба даст овардааст. Аз ҷумла, дар рисола:

– таърифи муаллифии "шароитҳои махсус" пешниҳод гардида, хусусиятҳои тавсифкунандаи он тавсиф ёфтаанд;

– омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳамкории он бо дигар мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шаклҳои объективӣ ва субъективӣ инъикос ёфтаанд;

– таърифи муаллифии «сохтори ташкилӣ» ҳамчун маҷмуи унсурҳои дохили низом ва мансабу уҳдадориҳои функсионалии кормандон, ки бо пайвандҳои мутақобилаи амудӣ ва уфуқӣ пайвастанд ва ҳамчун шакли дохилии ташкилот нақшаи амалисозии мақсаду вазифаҳои фаъолияти ҷузъу томи алоҳидаи сохторро дар асоси муқарраароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум менамояд, пешниҳод гардидааст;

– таърифи муаллифии «омодагии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» унсурҳои бунёдии ташкил намудани низоми идоракунӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилиро барои иҷро намудани вазифаҳои дарпешгузошташуда, дар муҳлати муайяни вақт, дарбар гирифта, асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ин раванд хеле фаррох тавсиф гардидаанд;

– ба истифодаи таҷрибаи пешрафтаи соҳавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар амалияи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таъкид гардида, самтҳои афзалиятноки мукаммалгардонии қонунгузории фавқулода вобаста ба пешгирӣ ва рафъ намудани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ муайян карда шудаанд;

– ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ консепсияи мукаммал ва ҷавобгӯи таҳдиду хатарҳои муосир пешниҳод шудааст, ки дорои алоқамандии дохилӣ, сохтори ташкилӣ ва пайдарҳамии мантиқӣ мебошад.

Муқарраароти (нуктаҳои) мазкур, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, бо эътибори илмӣ, мувофиқати мантиқии дохилӣ тавсиф мешаванд ва бо таҳлили қонунгузории соҳавӣ, амалияи татбиқи ҳуқуқ ва манбаъҳои илмӣ асос ёфтаанд. Онҳо равишҳои қаблан маълумро такрор намекунанд, балки унсурҳои тафсири муаллиф ва фаҳмиши мустақили илмии масъалаи мавриди омӯзишро дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, дараҷаи навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсияро метавон баланд арзёбӣ кард ва муқарраароти таҳияшударо дар иртибот ба раванди пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи моликият, саломатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шахрвандон ва тақвият бахшидани пояҳои бунёдии фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлатӣ дар ин самт назаррас арзёбӣ намуд.

**4. Сатҳи омӯзиши мавзуи илмӣ.** Бояд зикр кард, ки **с**атҳи рушди илми ватанӣ вобаста ба ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, новобаста ба мубрам будани мавзуи таҳқиқот, нокифоя эътироф карда мешавад. Мавҷудияти таҳқиқотҳои илмӣ ва нашрияҳои илмии алоҳида, ки ба масоили баррасишаванда алоқамандӣ доранд, нишон медиҳад, ки дар доираи онҳо бештар масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии

фаъолияти мақомти милитсия вобаста вокуниши саривақтӣ ба ҳолатҳои фавқулодаи ҳусусияти иҷтимоидошта, аз қабили, пешгирӣ ва рафъи бетартибиҳои оммавӣ, муқовимат ба терроризм, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ин раванд ва амсоли онҳо мартаҳ гардидааст, аммо то имрӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибае, ки ба ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад.

Ғайр аз ин, асосҳои илмии мавҷуда, ки ба масъалаи матраҳшуда нигаронида шудаанд, бо таври бояду шояд фарогири шакл, усул ва механизми ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ нестанд.

Новобаста ба он, ки дар доктринаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба масъалаи ташкили идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аҳаммияти бештар дода шуда, мавриди таҳқиқоти илмии васеътар қарор дода шудаанд, бинобар хусусияти махфигӣ доштани онҳо ва дар баъзан мавридҳо номутаносиб буданашон барои шароити кишвари мо, мустақиман наметавонанд бе дарназардошти хусусиятҳои қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода карда шаванд. Дар ин робита, рисолаи Нуруллозода Меҳрулло бо пешниҳоди таҳлили ҳамаҷониба ва системавии танзими ҳуқуқӣ ва имконияти татбиқи таҷрибаи давлатҳои пешрафта бо дарназардошти асосноккунии илмӣ дар фаъолияти амалии мақомоти дахлдори кишвар, ҷиҳати пурра гардонидани норасогии мавҷуда дар илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ин имкон медиҳад, ки рисола ҳамчун як таҳқиқоти муҳим ва аз ҷиҳати илмӣ аҳаммиятнок ҳисобида шавад ва нақши бевосита дар рушди фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ гузорад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори рисола, ки бар асоси ҳадаф ва вазифаҳои зикршудаи таҳқиқот тартиб дода шудааст.** Сохтори рисола аз феҳристи

ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо (натиҷаи назарсанҷӣ) иборат аст. Ҳаҷми умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ 185 саҳифаро дарбар гирифтааст.

Муқаддимаи рисола аҳаммияти мавзуи интихобшударо асоснок ва дараҷаи рушди илмии онро муайян карда, объект, мавзуъ, предмет ва вазифаҳои таҳқиқотро фаро гирифтааст. Инчунин, дар ин қисмати рисола асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот тавсиф гардида, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда манзур шудаанд.

Боби якуми рисола, ба таҳлил ва баррасии мавқеъҳои доктриналии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мафҳум, моҳият ва мақсади идоракунии ҷузъу томи мақомоти милисия дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, бахусус, ҳамкории он бо дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ бахшида шуда, барои пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта, ҳамчун асоси методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии таҳқиқот имконият фароҳам овардааст.

Боби дуюми таҳқиқот, ба таҳлил ва баррасии асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта нигаронида шуда, дар он мазмуну моҳияти қонунгузории фавқулода, ки фаъолияти мақомоти милитсия ва дигар мақомоти давлатиро ба танзим медароранд, бо таври васеъ тавсиф гардидаанд. Диққати асосӣ ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳои асосӣ ва иловагии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, инчунин, нақши милитсия дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ матраҳ шудааст.

Кӯшишҳои муаллиф барои асоснок кардани нақши милитсия дар низоми давлатии вокунишӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, аз як тараф, ва аҳаммияти таъсиси гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ аз тарафи дигар, имкон медиҳанд, ки масоили баҳсталаби дорои хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба вазифа ва функсияҳои мақомоти дахлдори давлатӣ муайян карда шаванд. Мавқеи муаллиф вобаста ба ҳалли чунин масоил дар сатҳи қонунгузорӣ ва ташкилӣ дар ҳар як зербоби ин боб боиси эътироф ва пазироист.

Боби сеюм, ба мукаммалсозии асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бахшида шуда, самтҳои такмили қонунгузории фавқулода ва асосҳои ташкилии самараноктар гардонидани фаъолияти ҷузъу томи мақомоти милитсия вобаста ба иҷрои вазифа ва функсияҳояшон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мушаххас карда шудаанд.

Хулосаи тадқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии кор ва ҷамъбасти афкори муаллифро барои ҳар як бахш дарбар гирифта, бо ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқот мувофиқ мебошанд. Муаллиф тавсияҳоеро таҳия кардааст, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва номувофиқатии муайяншуда дар самти ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти милитсия дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ нақши амиқ доранд.

Дар рисола замимаҳо оид ба назарсанҷии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хулосаҳои онҳо нақши эҳтимолии татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро афзун мегардонанд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола.** Аҳаммияти илмии рисоларо хулосаҳо ва муқаррароти таҳиякардаи муаллиф ташкил менамоянд, ки фаҳмиши илмиро дар бораи мубрамии ташкили фаъолият ва идоракунии ҷузъу томи мақомоти милитсия дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, муттаҳидсозии қувва ва воситаҳои дигар

мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, инчунин, шаклу усулҳо ва механизми ташкил, омодасозӣ ва сафарбаркунии гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, дурнамои тақвиятбахшии ин раванд ва истифодаи таҷрибаи моделҳои пешрафтаи вокунишӣ дар ин самтро васеъ мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот камбудиҳои мавҷударо дар доктринаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра гардонида, заминаи назариявиро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалии рисола дар истифодаи эҳтимолии нукта, хулоса ва тавсияҳои он аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, инчунин, дар такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими муносибатҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ арзёбӣ мешавад. Пешниҳодҳои муаллифро метавон дар таҳияи тавсияҳои методологӣ барои кормандони амалӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ҷиҳати корбарии соҳавӣ истифода намуд.

Аҳаммияти иқтисодии рисола дар он зоҳир мегардад, ки ҷалби саривақтӣ ва босифати ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ аз сохтори мукаммали ташкилӣ, омодагии касбии кормандон ва дар кутоҳтарин муҳлати вақт бо камтарин масрафи қувва ва воситаҳо ҳал намудани вазифаҳои фаврии вокунишӣ вобаста мебошад ва рисолаи муаллиф маҳз ба коркарди асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии чунин раванди манфиатпазир нигаронида шудааст.

Аҳаммияти иҷтимоии рисола бошад, дар он зоҳир мегардад, ки консепсияи муаллиф пеш аз ҳама фарогири масоили илмӣ-назариявӣ ва

таҷрибаи амалӣ ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, ҳимояи саривақтии моликияти хусусӣ ва раванди ба ҷойҳои бехавф кучондани онҳо дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мебошад. Инчунин, мавқеи муаллиф ба баланд бардоштани боварии шаҳрвандон ба мақомоти милитсия оид ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, равона мебошад, ки ба талаботи калидии ислоҳоти милитсия дар замони муосир созгор аст. Илова бар ин, маводи рисоларо метавон ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар раванди таълими фанҳои «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа», «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Асосҳои идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ», «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити махсус», таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо истифода бурд, ки ин тасдиқи аҳаммияти амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсиониро равшантар менамояд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи рисола.** Аз ҷониби Нуруллозода Меҳрулло доир ба мазмун ва моҳияти таҳқиқоти рисола 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонида шудааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории рисола ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории рисолаи Нуруллозода Меҳрулло ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ мувофиқат мекунад. Сохтори рисола ба талаботи муқарраршудаи танзимкунанда мувофиқ буда, пешниҳоди мавод мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошад. Кор ба талабот оид ба ҳаҷм, сохтор ва услуби таҳқиқот мувофиқат мекунад, истинодҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмӣ дуруст тартиб дода шудаанд ва рӯйхати пурраи истинодҳо ва нашрияҳои илмии муаллиф пешниҳод гардидаанд.

Дар рисола ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмӣ дуруст истинод шудааст, рӯйхати пурраи сарчашмаҳо пешниҳод гардида, талабот оид ба ҳаҷм, сохтор ва услуби таҳқикот риоя гардидаанд.

Рисолаи мазкур ва шакли барасмиятдарории он ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферати рисола ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Бо вуҷуди аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии рисолаи Нуруллозода Меҳрулло, кор аз баъзе камбудиҳо холӣ нест. Аммо, онҳо сатҳ ва сифати умумии илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд, балки имкониятҳоро барои пажуҳишҳои минбаъдаи илмӣ вобаста ба масъалаҳои матраҳшудаи зерин фароҳам меоранд:

**1.** Муаллиф дар зербоби сеюми боби якуми рисолаи диссертатсионӣ ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногениро аз рӯйи маҳаки *ҳудуд* ба маҳдуд, маҳаллӣ, ҳудудӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнисарҳадӣ тасниф карда аст, (саҳ. 57) аммо дар матни диссертасия ба хатарҳои кандашавии кули Сарез ҳамчун манбаъи бавуҷудоварандаи ҳолати фавқулодаи байнисарҳадӣ, инчунин, ба асосҳои ташкилии идоракунии ҷузъу том ва қувваю воситаҳои мақомоти дахлдори давлатҳои минтақа оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои он назари муаллиф равшан нест;

**2.** Дар доираи боби якуми диссертатсия (саҳ. 59) муаллиф зикр менамояд, ки новобаста ба мавҷудияти Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табӣ ва техногенӣ, бинобар рушд ёфтани хоҷагии халқи кишвар, аз ҷумла, бунёд гардидани корхонаҳои азими саноатӣ, биноҳои муосири баланошёна, нерӯгоҳҳои азими барқӣ-обӣ, шоҳроҳҳои автомобилии байналмилалӣ, тағйирёбии

иқлим, эҳтимолияти калони селхезӣ, заминларза, кандашавии обанборҳо, садамаҳо ва ғайра вуҷуд дорад, аммо вазифа ва функсияҳои мақомоти ваколатдор ва серсохторҳои дохилии ин низом, бозбинӣ ва такмилдиҳиро тақозо менамоянд. Вале, вобаста ба нақши зеҳни маснуӣ, истифодабарии ҳавопаймоҳои бесарнишин ва технологияҳои муосири коммуникатсионӣ дар огоҳонии аҳолӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техонгенӣ диққати ҷиддӣ зоҳир нагардидааст;

**3.** Дар саҳифаи 107 рисолаи диссертатсионӣ муаллиф таъкид менамояд, ки қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби ҳамкории сохторҳои давлатиро дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ танзим менамояд, самаранокии ҳамкории мақомоти салоҳиятдори давлатиро дар ин самт афзун месозад.

Вобаста ба ин назари муаллиф, савол ба миён меояд, ки “Оё Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» яке аз заминаҳои асосии ҳуқуқии ташкил намудани чунин шакли ҳамкории мақомоти давлатиро дар ҳамин самт ба танзим намедарорад”?

Албатта, ин шарҳҳо танҳо барои мақсадҳои муҳокима мебошанд ва ба аҳаммияти илмии ин рисола таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф дар оянда ба инобат гирифта шаванд.

Умуман, рисолаи диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, дорои сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ мебошад. Рисолаи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст,

мувофиқат карда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

Суроға: Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе 734025 (ш. Душанбе, кучаи Бохтар, 35/1. Телефон: (+992) 935890207, E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

Имзои "Диноршоҳ А.М."-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус Пирназар С.М.

«24» 08 2026 с.